# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ. (6D021403 –Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ). –54с.**

Дар қаламрави забону адабиёти форсии тоҷикӣ шаҳри бостонии Хуҷанд аз дергоҳи таърих маркази илмиву адабие ба шумор меравад, ки донишмандону фарзонагони зиёдеро ба арсаи фарҳанги башарӣ эъто кардааст. Ҷустуҷӯ ва таҳқиқоти хуҷандшиносӣ дар самтҳои гуногуни таърих ва забону адабиёт нишон медиҳад, ки ин шаҳри шоирхезу фарзонапарвар дар ҳар марҳалае аз таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун як маркази маданӣ арзи ҳастӣ карда, эҷодиёти аҳли адабу фарҳанги он, новобаста аз таъсири равобити адабӣ ва ҷуғрофиёи густариши забони шеъру сабки он дар ташаккулёбии коргоҳи эҷодии шуаро, бо ҳосили завқу андешаи ҳунарии қаламкашони бузургтарин ҳавзаҳои адабии Мовароуннаҳр – Самарқанду Бухоро ҳамсатҳу ҳампоя будааст.

Бар замми авомили зиёди дар ташаккулёбии як ҳавзаи адабӣ лозим, ки ҷуғрофиёи густариш ва таърихи мавҷудияти аънанаву суннатҳои роиҷу хоси суханварӣ аз шумори муҳимтарин омилҳо ба ҳисоб меравад, ҳамин ҳамсатҳиву ҳампоя будан, яъне баробарарзиш будани осори манзуму мансури шоирони хуҷандӣ ва хуҷандиасл (, ки теъдоде аз онҳо нисф ё аз нисф каму зиёди умри худро берун аз ҳудуди ин ҳавзаи адабӣ бо эҷоду халқи назму наср сипарӣ кардаанд,) бо эҷодиёти шоирони ҳавзаҳои адабии дигари қаламрави забону адабиёти форсии тоҷикӣ низ муаллифи диссертатсияро ба он водоштааст, ки шаҳри Хуҷанди нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX -ро ҳамчун як ҳавзаи адабӣ ба таҳқиқ гирад ва зимни муаррифии намояндагони он устувории ҷойгоҳи ин ҳавзаро ҳам собит созад.

Аз муҳтавои автореферат маълум мешавад, ки мазмуни асосии диссертатсия дар се боб ва ёздаҳ фасл дарҷ шудааст.

Диссертант дар чаҳор фасли боби аввал – «Муҳити илмиву адабӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX» бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои таърихиву адабӣ ва таҳқиқоти адабиётшиносии хуҷандпажуҳон нахуст вазъи адабии Мовароуннаҳр ва робитаи ҳунарии шоирони ин доираи адабӣ, хусусан аҳли қалами ҳавзаҳои Хуҷанду Хӯқандро ба риштаи тадқиқ кашида, баъдан оид ба мавзуъ, муҳтаво ва ғояҳои асосии эҷодиёти шоирони ҳавзаи Хуҷанд

назарҳои илмияшро иброз карда, зимнан ба масъалаи ташаккулёбӣ ва рушди адабиёти дузабона дар ин ҳавза равшанӣ андохтааст. Ҳамчунин, аз вуҷуди 9 бонуи суханвар, аз ҷумла Бибиҳидоят ном шоири камомӯхта ва Қутбинисо ном чеҳраи нави адабӣ иттилои автобиографӣ додааст.

Дар боби дуюм – «Таҳаввули жанрҳои адабӣ», ки шомили се фасл аст, аввал мабҳаси таърихи ташаккули жанрҳои хурди лирикие ба монанди ғазал, рубоӣ, қитъа, мустазоду фардро дар заминаи эҷодиёти шоирони хуҷандӣ, аз ҷумла Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф, Шӯхӣ, Тошхоҷа Асирӣ мавриди тадқиқ қарор дода, ба таври алоҳида оид ба саҳми Нозили Хуҷандӣ дар таҳаввули жанри рубоӣ истода гузаштааст. Дар собитсозии чигунагии таҳаввули жанрҳои бузурги лирикӣ осори шоироне чун Тошхоҷа Асирӣ (дар қасида), Файёз, Фахрӣ ва Фавзӣ (дар мусаддасу тарҷеъбанд), Зинат ва Хотиф (дар баҳри тавил) асоси тадқиқро ташкил дода, саҳми ҳар як шоири мазкур дар рушди ин ё он анъанаи адабӣ муқаррар гардидааст. Ҳамчунин, таваҷҷуҳи диссертант доир ба масъалаи тамоюли эҷодии шоирон ба иншои маснавӣ ва осори мансур дар ин давра равона гардида, зимнан дар он маснавии «Тимсол»-и Тошхоҷа Асирӣ, маснавии «Хоб дидани Файёз Фирдавсиро»-и Файёзи Хуҷандӣ, асари насрии «Ғароиби сипоҳ»-и Тоҷири Хуҷандӣ ба таҳлилу тадқиқ гирифта шудааст.

Натиҷагириҳои диссертант аз муҳтавои фаслҳои боби сеюми диссертатсия – «Хусусиятҳои поэтикии ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд» ва инъикоси он дар автореферат маълум мегардад, ки Шӯхӣ, Воқиф, Нозил, Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф, Хотиф, Зоир, Асирӣ барин шоирони ғазалсаро на фақат таҳти таъсири мактаби ғазалсароии Ҳофизи Шерозӣ ба иншои ин жанри лирикӣ иштиғол доштаанд, балки ба тазмини ашъори Бедили Деҳлавӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, дар рушди сабки ҳиндӣ дар ҳавзаи адабии Хуҷанд низ саҳми худро гузоштаанд. Ҳамчунин, аз баррасии ҷараёни бозгашти адабӣ ҳамчун падидаи ҳунарӣ дар ин давра собит шудааст, ки теъдоди зиёди шуарои ҳавзаи Хуҷанд ба содагӯйӣ рӯй оварда, аз печидагӯйӣ, яъне аз гароиш ба сабки бедилӣ худдорӣ кардаанд. Ҳамин содагароии эҷодӣ дар поёни садаи XIX ва оғози садаи XX сабаб шудааст, ки заминае барои ташаккули «шеъри нав» дар ҳавзаи адабии Хуҷанд ба вуҷуд ояд ва шоироне чун Асирӣ, Файёз, Фахрӣ, Фавзӣ дар ин самт баробари дигар шоирони мавороуннаҳрӣ саҳми худро гузоранд. Дар охирин фасли боби сеюм масъалаи вежагиҳои ҳунарӣ ва шеваҳои корбурди саноеи бадеӣ дар ашъори шоирони ҳавзаи адабӣ матраҳ ва ҳаллу фасл шудааст. Он чи аз муҳтавои фишурдаи ин фасл бармеояд, шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд

аз санъатҳои бадеӣ, ба хусус талмеҳ, ташбеҳ, истиора, тамсил, таҷнису муболиға бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.

Муҳтавои автореферат нишон медиҳад, ки муаллифи он тибқи талаботи мавҷуда тавонистааст бо истифодаи услуби фишурданависӣ ва натиҷагириҳо ва овардани абёти шоҳид мундариҷаи диссертатсияро хеле фишурда дар автореферат ғунҷоиш диҳад.

Дар матни автореферат, бо вуҷуди ин ҳама муҳассиноти зикршуда, саҳвҳои имлоӣ ва китобатӣ ба назар мерасад, ки ислоҳ кардани онон чандон кори мушкил нест ва ба ҷанбаи илмии он латмае ворид намесозад.

Масалан, номи маснавии Файёз ончунонки дар саҳифаи 22 ба гунаи дуруст – *«Хоб дидани Файёз Фирдавсиро»* омадааст, бояд дар саҳифаи 15, ки иштибоҳан *«Хоб дидани Файёз Фирдавсӣ»-ро* қайд шудааст, дарҷ мегашт.

Дар маҷмуъ автореферати мазкур ифодакунандаи мундариҷаи диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ. (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ**
**«20 » январи соли 2023.** **Юсуфов У. А.**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев 274, ҳ. 47.**
**Тел: (+992) 91-904-55-75**
**E-mail: nushin74@mail.ru**

**Имзои Юсуфов У. А. -ро тасдиқ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳои Институти забон ва Адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ**
**«20» январи соли 2023.** **Нарзиқулова Ҳ.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21,**
**тел: (+992) 221-70-30**
**E-mail: www.iza.tj**